Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 –и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст**

## Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ

Таҳқиқоти диссертатсионии Суфиев Садриддин Насридинович ба яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷӣ бахшида шуда, дар он ҷараёни истиқрор ва ташаккули ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Боиси таъкид аст, ки мубрамияти иҷрои таҳқиқоти мазкур аз омилҳои зерин бармеояд:

1) истифодаи имкониятҳои технологии Ҳиндустон дар рушди бахши технологияи иттилоотӣ ва барномасозии Тоҷикистон;

2) мустаҳкам кардани ҳамкориҳо дар самти маориф ва илм ба хотири мубодилаи донишҷӯён, коромӯзон ва унвонҷӯён, ташкили таҷибаомӯзиҳои забонӣ миёни муҳассилини кишварҳо ва татбиқи барномаҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ. Омӯзиши афзоиши имкониятҳои тақвияти ҳамкории кишварҳо дар ин бахш;

3) истифодаи майдони минтақавии ҳамкорӣ (дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмӣ ва адабӣ;

4) умқи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ бо мақсади омӯзиши ганҷинаҳои Ҳиндустон, возеҳ кардани паҳлуҳои норавшани таърихи халқи тоҷик, доираи адабии тоҷикон дар Ҳиндустон ва ба роҳ мондани таҳқиқоти илмии васеъ дар ин самт;

5) зарурати рушди ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Исломии Покистон бо истифода аз қолабҳои дуҷониба, минтақавӣ (Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай, фарҳангӣ-тамаддунӣ - Созмони Ҳамкории Исломӣ ва байналхалқӣ;

6) тақвияти ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ба мақсади рушди мубодила дар самти маориф ва пешгирии ҷараёнҳои иртиҷоӣ-ифротӣ;

Аз ин ру, бо боварии том метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» ба масъалаи мубрами таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ бахшида шуда, омӯзиш ва баррасии он муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи муътамад будани хулосаю пешниҳодҳо**
**дар таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фархангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, раванди барқароршавӣ, ташаккули таърихӣ ва рушди он дар даврони истиқлолият баъзе ҷанбаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, асноди танзимкунандаи муносибати кишварҳо дар соҳаи маориф, илм ва адабиёт аз асарҳои илмии дохилӣ ва хориҷи кишвар, мавод аз бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои дахлдори давлатӣ, сомонаҳои расмӣ ва васоити ахбори оммаро истифода намудааст. Муаллиф адабиёти истифодашуда ва сарчашмаҳоро ба чор гурӯҳ тақсим намуда, хусусияти хос ва маълумоти дарбаргирандаи онҳоро ба таври мушаххас тавсиф намудааст. Муаллиф асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқотиро дуруст муайян

намуда, дар рафти таълифи диссертатсия аз методҳои воқеият, таърихият ва системавӣ, таҳлилу таҷзия, мушоҳида, тавсиф ва муқоиса истифода кардааст.

Ҳамзамон муаллиф як зумра тавсия ва пешниҳодҳоро таҳия намудааст, ки барои муайян намудани баъзе мушкилоти ҷойдошта дар самти ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва ба таври самаранок бартараф кардани онҳо мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар, муаллиф зарурати тақвият додани ҳамкорӣ дар самтҳои афзалиятноки муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро муайян намудааст. Таҳқиқоти мазкур масъалаҳои рушди ҳамкориро дар самти илм, маориф ва фарҳанг муайян намуда, метавонад заминаи корҳои илмии минбаъда қарор гирад.

**Навгониҳо ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи истиқрор ва ташаккули ҳамкориҳои илмӣ- адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвархои Осиёи Ҷанубӣ дар даврони истиқлолият мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муайян намудани ин масъала ба сифати мавзӯи таҳқиқотӣ ва пажуҳиши он навгонии асосии илмӣ ба шумор рафта, дар ҷараёни таҳқиқот як қатор масъалаҳое пайдо мешаванд, ки дар оянда метавонанд мавриди омӯзиш қарор гиранд.

Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат намуда, аз сарсухан, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва руйхати адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар **муқаддима** аҳамияти омӯзиши мавзӯъ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи илмӣ, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия нишон дода шудааст. Дар баробари ин, дар муқаддима натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия инъикос гардиданд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони - «**Ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон**» ба баррасии омилҳои таърихӣ ва

заминаҳои рушди ҳамкориҳои халқи тоҷик бо халқҳои Осиёи Ҷанубӣ бахшида шудааст. Боби мазкур фарогири таҳқиқи марҳилаҳои таърихии истиқрор ва инкишофи ҳамкориҳои халқи тоҷик бо халқҳои Ҳиндустон ва Покистон ҳамчун заминаи мустаҳакам гаштани ин ҳамкориҳо дар солҳои 1991-1999 ба шумор меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия - **«Таҳаввули ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар соҳаи фарҳанг (солҳои 2000-2018)»** масъалаҳои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар соҳаи фарҳанг дар ибтидои асри XXI баҳогузорӣ гардида, нақши омили фарҳангӣ дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ таъкид шудааст.

Дар боби сеюми таҳқиқот - **«Рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар оғози асри XXI ва дурнамои он»** хусусияти алоқаҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар оғози асри XXI дар чаҳорчӯбаи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва Созмони Ҳамкории Исломӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот инъикос гардида, тавсияҳои амалӣ ва хулосаҳои зарурӣ ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои ҷонибҳо ироа шудаанд.

**Тасвиби таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар 6 мақолаи таълифнамудаи муаллиф инъикос мегарданд, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.

Автореферат ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат менамояд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, тавсифи мухтасари бобу зербобҳои диссертатсияро инъикос менамояд.

**Камбудиҳои таҳқиқот**

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари дастовардҳои илмӣ, инчунин як қатор камбудиҳо ба назар мерасанд, ки дар маҷмуъ чунин

гурӯҳбандӣ мешаванд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба марҳилаи таърихии хамкории халкҳои минтақа таваҷҷӯҳи бештар дода шудааст.

2. Ҳангоми баррасии ҳамкории ҷонибҳо дар чаҳорчӯбаи сохторҳои бисёрҷониба таҳлилҳои муаллиф асосан доираи мубодилаи илмӣ-фарҳангӣ дар самти Созмон ҳамкории Шанхайро фаро мегирад.

3. Дар боби сеюми таҳқиқот зимни таҳқиқи самтҳои асосии рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ масъалаҳои мубодилаи донишҷӯён ва дурнамои густариши муносибатҳои илмӣ бо Покистон мавриди баррасии амиқ қарор нагирифтаанд.

4. Дар диссертатсия базе камбудиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд, ки мебояд таҳрир карда шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи мавҷуда нисбати диссератсияҳои илмӣ**

Камбудиҳои ҷойдошта дар маҷмӯъ, ба мазмун ва моҳияти баланди таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ нарасонида, хислати тавсиявӣ доранд. Муаллиф бо назардошти онҳо метавонад корҳои минбаъдаи илмию таҳқиқотии худро мавриди омузиш ва барарсӣ қарор диҳад.

Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бо сохтор, мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқат менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми тартиб додани нақшаҳои инкишофи ҳамкориҳои мутақобилаи фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон дар даврони муосир ва рушди илми муосири ватанӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ саҳми сазовор гузорад.

Диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович ба талаботи бандҳои 10, 11, 12 ва 16-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» кори илмии мустақилона анҷомёфта ба шумор меравад. Мавзӯи таҳқиқот, мазмуну муҳтавои диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои муаллиф ба самти илмӣ ва ихтисоси Шӯрои диссертатсионии 6.D. КОА-030 оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос аз ихтисосҳои 6D020200- Муносибатҳои байналмилалӣ (номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ- илмҳои таърихӣ) пурра мувофиқат менамояд. Аз ин ру, муаллифи диссертатсия Суфиев С.Н. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ мебошад.

**Номзади илмҳои таърих,**
**Декани факултети таҳсилоти**
**фосилавӣ ва таҳсилоти дуюми олии касбии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Файзов Н.Н.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;**
**734003, ш.Душанбе, куч. Саид Носир, 33;**
Тел. (992 37) 224-17-86, 228-92-20,
Сомона. www.apa.tj, info@apa.tj

**«Имзои Файзов Н.Н. - ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси Академияи**
**идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** ______________ **Ф.Р. Суфиев**